## ИМТИҲОНҲО КАЙ ВА ЧӢ ТАВР БАРГУЗОР МЕШАВАНД?

Имтиҳонҳо вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо аз **1-ум то 12-уми июл** дар марказҳои имтиҳон баргузор мегардад. Нишонии маркази имтиҳон дар даъватнома нишон дода мешавад.

Довталаб имтиҳонҳои зеринро месупорад:

- қисми А (имтиҳони умумӣ) аз 3 субтести иборат аз **4 фанни таълимӣ** (забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ);
- қисми Б (имтиҳони ихтисос) аз 3 субтести иборат аз **3 фанни таълимӣ** (ки аз гурӯҳи ихтисосҳои интихобкарда вобаста аст).

Фанҳои имтиҳонии қисмҳои А ва Б вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо дар ҷадвалҳои 8 ва 9 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 8.

| ҚИСМИ А – ИМТИҲОНИ УМУМӢ | |
|---|---|
| **№** | **СУБТЕСТҲО** |
| **1** | **Забони тоҷикӣ** |
| **2** | **Математика** |
| **3** | **Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ** |

Ҷадвали 9.

| ҚИСМИ Б – ИМТИҲОНИ ИХТИСОС | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **№** | **ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲО** | **СУБТЕСТҲО** | | |
| **1.** | **Табиӣ ва техникӣ** | **Математика** | **Физика** | **Химия** |
| **2.** | **Иқтисод ва география** | **Математика** | **География** | **Забони хориҷӣ** |
| **3.** | **Филология, педагогика ва санъат** | **Забон ва адабиёт** | **Таърих** | **Забони хориҷӣ** |
| **4.** | **Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ** | **Таърих** | **Ҳуқуқи инсон** | **Забони хориҷӣ** |
| **5.** | **Тиб, биология ва варзиш** | **Химия** | **Биология** | **Физика** |

Имтиҳонҳо дар асоси ҷадвале, ки дар даъватнома дарҷ мегардад, баргузор мешаванд.

### ИМТИҲОНҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ КӢ ВА КАЙ БАРГУЗОР КАРДА МЕШАВАНД?

Имтиҳонҳои иловагӣ барои довталабоне, ки дар имтиҳонҳои давраи асосӣ бо сабабҳои узрнок иштирок карда натавонистаанд ё дар давраи бақайдгирии иловагӣ (аз 20-ум то 30-юми июн) аз қайд мегузаранд, пешбинӣ шудааст.

**Довталабе, ки бо сабаби узрнок дар имтиҳонҳо иштирок карда натавонистааст ва хоҳиши иштирок дар имтиҳонҳои иловагиро дорад, ариза (ба расми 14 нигаред) ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро ба Марказ бояд пешниҳод намояд. Пас аз баррасӣ ва қабули қарори дахлдори комиссия бо фармоиши директори Марказ ба довталаб иҷозати иштирок дар имтиҳонҳои иловагӣ дода мешавад.**

Барои ба имтиҳонҳои иловагӣ иҷозат додани довталабоне, ки дар имтиҳонҳои давраи асосӣ иштирок карда натавонистаанд, сабабҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– бемории вазнин;
– фавти нафаре аз аъзои оила;
– садамаи нақлиёт;
– офатҳои табиӣ;
– иштирок дар:
  - олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ,
  - мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ,
  - озмунҳои байналмилалии соҳаи санъату фарҳанг

дар хориҷи кишвар.

Ариза бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сабабҳои узрнок аз довталабон дар давраи асосии имтиҳонҳо (аз 1-ум то 12-уми июл) қабул карда мешавад.

Имтиҳонҳои иловагӣ мутобиқи ҷадвали тасдиқгардида дар давоми ду рӯз – 15-ум ва 16-уми июл мувофиқан барои қисмҳои А (умумӣ) ва Б (ихтисос) танҳо дар шаҳри Душанбе баргузор мегарданд.

!

**ДИҚҚАТ!**

**Довталаби гиромӣ!**

1. Дар синфхонаи имтиҳон ба рақамҳои варианти китобчаи тест, штрих-коди варақаи ҷавобҳо ва ҷойи нишасти худ диққат диҳед (рақамҳои варианти китобчаи тест, штрих-коди варақаи ҷавобҳо ва ҷойи нишастатон бояд як хел бошад).
2. Ҳангоми пур кардани варақаи ҷавобҳо бодиққат бошед ва талаботи ишораи ҷавоб, навишти дурусти рақам ва ислоҳи ҷавобро мувофиқи намунаи дар варақаи ҷавобҳо овардашуда риоя намоед.
3. Ба рафти имтиҳон халал нарасонед. Суҳбат ва ёрӣ расонидан ба довталаби дигар дар рафти имтиҳон қатъиян манъ аст. Чунин ҳолат боиси аз имтиҳон хориҷ кардани Шумо мегардад.
4. Ҳангоми нофаҳмо ё ғалат чоп шудани савол ё ҷавоби он ба маъмури имтиҳон муроҷиат намоед.
5. Варақаи ҷавобҳоро холӣ насупоред, дар паси он – дар ҷойи муқарраршуда ҷумлаи пешниҳодшударо навишта, имзо гузоред.
6. Ҳангоми супоридани варақаи ҷавобҳо дар протоколи рафти имтиҳон имзо гузоштанро фаромӯш накунед.
7. Бо худ гирифтани китобчаи тестро аз хотир набароред.
8. Ҷавобҳои худро аз китобчаи тест бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо), ки дар сомонаи Марказ пас аз баргузории имтиҳонҳо нашр мешавад, муқоиса намоед ва холҳои бадастовардаатонро мустақилона ҳисоб кунед.
9. Нусхаҳои варақаҳои ҷавобҳоятонро аз кабинети инфиродии худ дастрас (сабт ва чоп) карда, бисанҷед, ки дар ҳақиқат, онҳо нусхаҳои варақаҳои ҷавобҳои Шумоянд.
10. Холҳои бадастовардаатонро бо истифода аз **ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳои ҳар субтест** ва натиҷаи ҳосилшударо бо маълумоти дар кабинети инфиродиятон ҷойдошта муқоиса намоед. Ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо барои ҳар субтест вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо дар сомонаи Марказ нашр карда мешаванд.

**АРИЗА**
**барои ба имтиҳонҳои иловагӣ иҷозат додани нафаре, ки дар давр(ҳо)-и асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо сабаби узрнок иштирок карда натавонистааст**

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад!

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

**Рақами назоратӣ** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

Таърихи имтиҳони қисми А ☐☐.☐☐.☐☐

Таърихи имтиҳони қисми Б ☐☐.☐☐.☐☐

Насаб ____________________

Ном ____________________

Номи падар ____________________

Гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) ____________________
рақам ва ном

## АРИЗА

Аз комиссияи баррасии аризаҳои довталабон барои иҷозат додан ба имтиҳонҳои иловагӣ хоҳиш менамоям, ки аризаи маро дар хусуси бо сабаби узрнок дар имтиҳони қисм(ҳо)-и ____________________ иштирок карда натавонистанам
А – имтиҳони умумӣ, Б – имтиҳони ихтисос)
баррасӣ намуда, барои иштирок дар имтиҳонҳои иловагӣ ба ман иҷозат диҳад.

**Сабаб**: ____________________

____________________

____________________

____________________
сабаби иштирок накарданро мушаххас шарҳ диҳед

____________________

____________________ замима мегардад.
(ҳуҷҷати тасдиққунанда, маълумотнома, иқтибос, таърихи беморӣ, ва ғайра)

☐☐.☐☐.☐☐ таърих ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ телефон ____________ e-mail ____________ имзои аризадиҳанда

ММТНПҶ пур мекунад!

**АРИЗАРО ҚАБУЛ КАРД:** ____________ вазифа ____________ имзо ____________ ному насаб

Таърих ☐☐.☐☐.☐☐ Соат ☐☐:☐☐ Рақами бақайдгирӣ ☐☐☐☐☐

**ҚАРОРИ КОМИССИЯ:**

Ба довталаб барои иштирок дар имтиҳон(ҳо)-и иловагӣ иҷозат дода ____________.
шавад/нашавад

Зеро ____________________

____________________

____________________.
ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаб ба инобат гирифта шуданд/нашуданд ва ё хулосаи дигар

| Нусхаи қарори комиссия ба аризадиҳанда ирсол мегардад! |
|---|

**РАИСИ КОМИССИЯ:** ____________ ____________

**АЪЗО:** ____________ ____________

____________ ____________

____________ ____________
имзо ному насаб

☐☐.☐☐.☐☐
Таърих

**Расми 14.** Қолаби ариза барои иштирок дар имтиҳонҳои иловагӣ